«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________________
«__8__» _____04_______ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №8

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 04 апрели 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиб: Насриддинзода С.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзоев Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., ассистент., Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лабаранти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар**

**амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Сафарзода Анвар Ислом – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки принсипҳои қонуни ҷиноятӣ муқарраროти асосии ибтидоӣ мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд, ки мазмун, хусусиятҳо ва самти онро инъикос мекунанд. Принсипхои мазкур асоси меҳварии танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо буда, дар айни замон ба ташаккули меъёрҳои соҳаҳои вобастаи ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Нақши онҳо на танҳо таъмини муттаҳидии дохилӣ ва устувории низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки кафолати татбиқи одилона, қонунӣ ва самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Принсипҳои қонуни ҷиноятӣ дар заминаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти хоса пайдо мекунанд, зеро маҳз дар заминаи онҳо механизмҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, ки ба нигоҳ доштани таносуби байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳои шахс нигаронида шудаанд. Татбиқи принсипҳои мазкур дар амал тавассути фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба амал бароварда мешавад, ки онҳо вазифадоранд, муқарраროти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар раванди татбиқи қонуни ҷиноятӣ таъмин намоянд.

Бояд гуфт, ки дар амал принсипҳо дар баробари предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ мустақилияти соҳаи ҳуқуқро муайян мекунанд, бинобар ин моҳияти соҳаи алоҳидаи ҳуқуқро ифода мекунанд. Бартарии асосии

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кодексҳои пештара мавҷудбуда дар он аст, ки меъёри муттаҳидии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун муқаррароти асосие, ки мазмун ва самти тамоми қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунанд. Принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз механизмҳои асосии амалигардонии вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ, таъмини иҷрои вазифаҳои дар назди он гузошташуда, тавассути татбиқи пайвастаи онҳо мебошанд.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷустуҷӯйи шаклҳои самарабахши ифодаи нормативии онҳо воситаҳои муҳимтарине мебошанд, ки ба инкишофи минбаъда ва такмили низоми ҳуқуқ мусоидат мекунанд. Онҳо мувофиқати дохилии меъёрҳои қонуни ҷиноятиро таъмин намуда, ба худсарӣ дар амалияи татбиқи ҳуқуқ пешгирӣ карда, ҷавобгарии ҷиноятиро қатъиян мувофиқи талаботи қонун ва адолат таъмин менамоянд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами ҷанбаҳои назариявӣ, заминаи меъёрӣ ва хусусиятҳои амалияи муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

– таҳлили амиқи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доктрина;

– тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ;

– таҳлили назариявӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрии принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, муайян намудани нақши он дар таъмини адолати таъқиби ҷиноятӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи шахс;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи ногузирии ҷавобгарӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи адолат;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи инсондӯстӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи демократизм;

– муайян намудани ҳолати ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, маводи дуруст интихобшуда бо дарназардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва

дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор санадҳои судӣ оварда шудаанд, бармеоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднокaнд, ки онҳо дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, Конститутсияи Ҷумурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ» аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А. ва н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Шерализод С.М. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А. ва н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Шерализод С.М. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 8 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа карор кард:**

1. Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои чиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 04 апрели соли 2025 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«_8_» _апреля_ 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj